**ТАҚРИЗИ**

**мушовири илмӣ ба рисолаи Астанақулова Гурдофарид Маҳрамшоҳевна дар мавзӯи “Таҳлили системаи антиоксидантӣ дар растании *Solanum tuberosum L.* бо истифодаи омили экзогении брассиностероидӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – физиология ва биохимияи растаниҳо.**

Докторант Астанақулова Гурдофарид Маҳрамшоҳевна дар мавзӯи “Таҳлили системаи антиоксидантӣ дар растании *Solanum tuberosum L.* бо истифодаи омили экзогении брассиностероидӣ” рисолаи илмӣ омода намуда, онро ба пуррагӣ ба анҷом расонидааст. Дар вақти иҷро намудани кори илмию таҳқиқотии худ ӯ усули нави ба даст овардани картошкаи бевирусро аз навъи ватании “Тоҷикистон” бо истифода аз рибаверин коркарда баромадааст. Дар асоси натиҷаҳои бадастовардаи худ ӯ дар мавзӯи “Тарзи ҳосил намудани картошкаи бевирус дар шароити *in vitro*” нахустпатент таҳти рақами №TJ 1219 аз 14.12.2021 ба даст овардааст.

Дар давоми таҳсили худ доктарант Астанақулова Г.М. усулҳои мураккаби баҳодиҳии нишондодҳои физиологию биохимиявиро аз худ намудааст, ки барои пешгӯӣ намудани таъсири омилҳои стрессорӣ арзишманд мебошанд. Вай дар асоси натиҷаҳои илмии ба даст овардааш дараҷаи мутобиқати растании картошкаро ба омилҳои стрессӣ коркарда баромадааст, ки дорои аҳмияти илмӣ ва амалӣ мебошад.

Докторант доимо савияи донишашро дар бахшҳои биотехнологияи растаниҳо, инчунин дар бахши феномика сайқал дода, маҳорати таҳлили намудани адабиётҳои заруриро дар бахши кори илмияш фаъолона ва пайгирона таҳлил менамояд. Муаллифи 6 мақолаи илмӣ ва 9 фишурдаҳои илмӣ мебошад, ки онҳо дар маҷалаҳои ҷумҳуриявӣ ва хориҷи кишвар нашр гардидаанд.

Астанақулова Г.М., айни замон ба ҳайси мудири озмоишгоҳи биотехнологияи факултети биологияи Донишгоҳи милли Тоҷикистон

фаъолият намуда истода, дар байни ҳамкорону донишҷӯёни факултет обуру ва эҳтиром дорад.

Ҳамин тавр маҷмӯи натиҷаҳои илмии ба даст овардаи Астанақулова Гурдофарид Маҳрамшоҳевна, аз он шаҳодат медиҳад, ки ӯ мутахасиси таҷрибанок буда, дар бахши “Физиология ва биотехнологияи растаниҳо” донишу малакаи баландро соҳиб гаштааст ва лоиқи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D060718 – Физиология ва биохимияи растаниҳо мебошад.

**Мушовири илмӣ**

узви вобастаи АМИТ,
доктори илмҳои биологӣ,
профессори кафедраи биотехнологияи
факултети биологияи ДМТ Алиев Қ.

Имзои Қ. Алиевро тасдиқ
мекунам, сардори раёсати
кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

01.10.2022